**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**

Ректори Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент Ҳошимзода Ҳ.Ҳ.________

«13»_____04_____2024 с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар – Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ.**

Яке аз масъалаҳои муҳимми тадқиқоти илмҳои сиёсӣ бо таъмини суботи сиёсии ҷомеа аз таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ алоқаманд мебошад. Муайян намудани хусусиятҳо ва зуҳурёбии терроризм дар замони муосир дар бештари вақт бо заминаҳо ва омилҳои пайдоиши он, сатҳти баамалбарорӣ ва роҳу воситаҳои мубориза бо ин амали зиддиинсонӣ вобаста мебошад. Дар ҳар маврид, агарчи падидаи терроризм ва амалҳои террористӣ дар доираи илмиву назариявӣ намунаи мукаммалгардида ва аз ҷиҳати илмӣ исботгардидаи худро пайдо намуда бошад ҳам, хусусиятҳои он дар замони муосир андешаҳои зиёдро ба миён овардааст. Дар амалия бошад, терроризм дар сатҳ ва шаклҳои гуногун дар кишварҳои мухталиф ба амал омада, ба яке аз масъалаҳои таҳдидкунанда ба суботи сиёсии ҷомеа табдил ёфтааст. Дар ин маврид баҳсҳои доманадори илмӣ оид ба муайянсозии мафҳуми террор, терроризм ва амалҳои террористӣ, истифодаи он аз ҷониби субъектҳои гуногун бо мақсади ноором сохтани суботи ҷомеа ва роҳу усулҳои мубориза бо он ба миён меоянд, ки ба таҳлили илмӣ ниёз доранд.

Рисолаи диссертатсионии Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи

сиёсии ҷомеа» ба ҳамин гуна мавзуи илмӣ бахшида шуда, мақсади он таҳқиқи хусусиятҳои муҳимми терроризми замони муосир, баррасии таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба суботи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нишон додани роҳу воситаҳои мубориза бо терроризм мебошад.

Дар заминаи таҳлилу омӯзиши доираи васеи адабиёти илмӣ Ҷ.А. Мадвалиев хусусиятҳои муҳимми терроризми замони муосирро нишон додааст. Муаллифи диссертатсия бо мақсади хубтару беҳтар нишон додани хусусиятҳои бевоситаи терроризми муосир кӯшиш намудааст, ки адабиёти илмии солҳои охир чопшударо мавриди омӯзиш қарор дода, хулосаҳои худро дар заминаи таҳқиқоти навин асоснок намояд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар шакли маърӯзаҳо ва мақолаҳои илмӣ таҳия гардида, ба доираҳои илмӣ ва муҳаққиқон пешкаш шудааст. Дар заминаи омӯзиши таҷрибаи фаъолияти зиддитеррористии давлатҳои гуногун ва бо назардошти дигаргуниҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, муаллифи диссертатсия роҳу усулҳои баланд бардоштани самаранокии мубориза бо терроризмро пешниҳод кардааст.

Мубрамии таҳқиқи мавзуъ бо тағйирпазирии терроризми муосир ва таъсири он ба суботи сиёсии ҷомеа асоснок карда мешавад. Ба андешаи довталаб зуҳуроти мазкур марҳила ба марҳила роҳу усулҳои нави зоҳиршавиро истифода намуда, дар шаклҳои гуногун баромад мекунад ва ба суботи сиёсии ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Танҳо дар заминаи омӯзиши амиқу дақиқи хусусиятҳои зоҳиршавии терроризм имкони таҳлили илмии он ба миён меояд, ки метавонад аҳамияти назариявию амалӣ пайдо кунад.

Масъалаҳои алоҳидаи навгонии илмии таҳқиқот дар фарогирӣ бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дар асоси таҳқиқи асосҳои назариявию консептуалии масъалаҳои ҷудогонаи терроризм ва хусусиятҳои муҳимтарини терроризми муосир, алоқамандии терроризм бо идеологияҳои тундгароӣ ва ифротгароӣ ва паҳншавии ғояҳои мазкур ҳамчун заминаи асосии ташаккули терроризм, шаклҳои мухталифи зоҳиршавии терроризм ва махсусиятҳои зуҳури амалҳои террористӣ дар олами муосир, махсусиятҳои низоми мубориза ба муқобили терроризм

ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира, таъсири терроризм, амалҳои террористӣ ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусиятҳои мубориза бо ин зуҳурот дар шароити навини давлатдорӣ, масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва дурнамои таъмини суботи сиёсӣ ва пешгирии амалҳои террористӣ баромад мекунанд.

Рисолаи диссертатсионӣ аҳамияти калони илмӣ дорад, зеро муносибати хосае ба тадқиқи масъалаҳои терроризм, амалҳои террористӣ ва воситаҳои мубориза бо он пешниҳод шудааст. Он имконият медиҳад, ки ҳолатҳои пайдоиши терроризми муосир ва механизмҳои мубориза бо он дар асоси консепсияҳои назариявӣ матраҳ гардида, моҳият ва воқеияти илмӣ дар нисбати таъмини суботи ҳаёти сиёсии ҷомеа амиқ карда шавад ва хусусиятҳои асосии зуҳурёбӣ ва бартарафкунии он дар шароити Тоҷикистон муайян гардад.

Аҳамияти амалии диссертатсия аз истифодаи натиҷаҳои он, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф иборат мебошад, ки метавонад дар раванди қабули қарорҳои сиёсӣ, қонунҳо, омӯзиши масъалаҳои таъмини суботи сиёсӣ ва таълими фанҳои ҷамъиятӣ истифода гардад. Рисола ба таври мантиқӣ баён гардида, маводҳои таҳқиқотҳои илмӣ ба таври амиқ таҳлил шудааст, хулосаҳои асосию муҳим пешниҳод гардидаанд, ки аҳамияти амалиро соҳиб мебошанд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа» бо шиносномаи ихтисоси илмии 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мутобиқат менамояд. Мувофиқи банди 4-уми шиносномаи ихтисоси мазкур, ки «Заминаҳои иҷтимоӣ ва табиати ҳизбҳои сиёсӣ» ва «Ҳизбу ҳаракатҳо» барои таҳқиқ пешбинӣ шудаанд, зуҳуроти терроризм ва амалҳои террористӣ дар фаъолияти ҳизбу ҳаракатҳои ифротгароӣ ва тундгароӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Кори илмӣ аз мундарича, номгӯи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии тадқиқот, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар ҳаҷми 208 саҳифаи матни чопӣ иҷро шудааст.

Дар қисмати «Тавсифи умумии таҳқиқот» мақсад ва вазифаҳои тадқиқот, объект, предмет, фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявии таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот ва дигар унсурҳои мухими тадқиқоти илмӣ оварда шудаанд, ки муфассал заминаҳои илмии корро ошкор намудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи масъалаҳои терроризми муосир», аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал «Моҳият ва хусусиятҳои терроризм: таҳлили назариявию консептуалӣ» масъалаҳои назариявию методологии таҳқиқи терроризм дар раванди таърихӣ ва ҳолати замони муосир тадқиқ гардида, оид ба мафҳуми «террор», «терроризм» ва «амалҳои террористӣ» андешаҳо иброз гардидааст. Таҳлили назариявию консептуалии моҳият ва хусусиятҳои терроризм ба сабабҳои пайдоиши терроризм, қабули асноди байналмилалӣ, мафҳум, омилҳои зуҳурёбии амалҳои террористӣ, механизмҳои мубориза бо терроризм бахри инкишофи босубот пайвасти ногусастанӣ дорад. Дар зербоби дуюми боби якуми рисола – «Заминаҳо ва омилҳои асосии ташаккули терроризм» тафовути байни мафҳумҳои «ифротгароӣ», «тундгароӣ» ва ҳамчун заминаи пайдоиши терроризм баромад кардани онҳо муайян гардидааст. Дар зербоби сеюми боби якум «Махсусияти зуҳури амалҳои террористӣ дар олами муосир» ба марҳилабандии зоҳиршавии терроризм ва гуруҳбандии шаклҳои терроризм вобаста ба субъект, объект, заминаҳои ғоявӣ, сатҳи фарогирӣ, фаъолият ва хусусиятҳои соҳавӣ ва роҳу воситаҳои бартарафкунии он аҳамият дода шудааст.

Дар боби дуюми рисола – «Фаъолияти террористӣ ва таъсири он ба суботи сиёсии ҷомеа», ки аз се зербоб иборат мебошад, ба масъалаи таҳқиқи заминаҳои ташаккул ва инкишофи мубориза ба муқобили

терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира, масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо таваҷҷуҳи хоса равона гардидааст. Дар зербоби якуми боби дуюм – «Махсусиятҳои низоми мубориза ба муқобили терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити ҳозира» масъалаи мубориза бар зидди терроризм дар асоси ҳамкориҳои байнидавлатии глобалӣ ва минтақавӣ бахри таъмини суботи сиёсии ҷомеа ошкор гардидааст.

Дар зербоби дуюми боби дуюм «Хусусиятҳои мубориза бар зидди зуҳуроти гуногуни терроризм ва амалҳои террористӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон» муаллиф сабаб ва оқибатҳои терроризм ва амалҳои терористиро дар кишвар ёдрас намуда, қайд месозад: «Сол то сол таъсири терроризм ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллии кишвар бештар гардида, дар солҳои минбаъда низ хавфу хатари ба амал омадани ҳуҷумҳои террористиро зиёд намудаанд». Дар зербоби мазкур масъалаи марҳилабандии ташаккули терроризм дар Тоҷикистон усулҳои фаъолияти гуруҳҳои террористӣ ва воситаҳои мубориза бо онҳо муайян шудааст. Дар зербоби сеюми боби дуюм «Масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо» масъалаҳои фаъолияти рӯзмарраи мубориза бо терроризм, ки бо мушкилотҳои зиёд бархӯрдор мешавад, таҳқиқ гардидааст. Ба андешаи довталаб ин мушкилот оид ба ифротгароӣ, терроризм маълумоти кофӣ надоштани аҳолӣ ва дар сафи мубориза бо ин амалҳои номатлуб қарор нагирифтани онҳо вобаста мебошад. Ҳолатҳои гуногун ба монанди нобоварӣ ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, тарси қасосгирӣ аз ҷониби ҷинояткорони ифротгаро, сарфаҳм нарафтан ба фаъолияти зиддиҳуқуқии амалҳои гурӯҳҳои ифротгаро ва муайян карда натавонистани мавқеи шаҳрвандии худ нисбати масъала мушкилотҳои дигарро дар рафти мубориза бо терроризм эҷод месозанд.

Дар қисмати хулоса шакли назариявию амалии ҳалли масъалаҳо пешниҳод мегардад, ки комёбиҳои илмии аҳамияти сиёсиву иҷтимоидоштаи рисоларо исбот мекунад.

Автореферат ва корҳои илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти илмӣ нашр гардидаанд, мазмуни асосии рисолаи диссертатсиониро инъикос менамоянд. Андешаҳои илмии довталаби дараҷаи илмӣ дар 11 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 6 мақола дар маҷалаҳои тақризшавандаи назди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор гардидааст.

Муаллифи рисола кӯшиш ва маҳорати баланди истифодаи методҳои гуногуни таҳлилро нишон дода, дорои қобилияти гузаронидани таҳқиқоти илмӣ мебошад. Кори диссертатсионӣ натиҷаи заҳматҳои таҳқиқотии муаллиф буда, сатҳи баланди коргузорӣ ва мустақилонаю амиқро ошкор менамояд.

Рисола ҳамчун воситаест барои ҳалли масъалаҳои олудаи терроризм ва амалҳои террористӣ, бартарафсозии бухронҳо ва воситаҳои нигаҳдории суботи сиёсии ҷомеа баромад намуда, яке аз муваффақиятҳои илмии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Бо баробари мутобиқат намудани диссертатсия ба талаботҳои дастурҳои Комиссияи Олии Аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, эътироф намудани кори илмӣ ҳамчун маҳсули назариявӣ ва амалии таҳқиқи терроризм ва таъмини суботи сиёсии кишвар дар рисола камбудиҳои зерин ба назар мерасанд:

1. Масъалаи таҳқиқи терроризми динӣ танҳо аз назари таҳлили дини ислом матраҳ гардидааст. Лекин терроризми динӣ ва хусусиятҳои он дар ҳаракатҳои иттиҳодияҳои динҳои дигар (яҳудӣ ва насронӣ) мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Зарур буд, ки масъалаи мазкур аз назари умумӣ таҳлил гардида, зуҳури ин амали номатлуб дар фаъолияти созмонҳои динии хусусияти террористидоштаи ғайриисломӣ матраҳ гардад.

2. Дар зербоби сеюми боби дуюми диссертатсия – «Масъалаҳои рӯзмарраи фаъолияти зиддитеррористӣ ва пешомади инкишофи онҳо» бештар ба масъалаҳои фаъолияти зиддитеррористӣ таваҷҷуҳ дода шудааст, лекин ба масъалаи пешомади инкишофи муборизаи

зиддитеррористӣ ва ё таҳияи тарҳи дурнамои мубориза бо ин амали номатлуб ошкор нагардидааст.

3. Довталаби дараҷаи илмӣ ба масъалаи таъсири терроризм ба суботи сиёсии ҷомеа ба таври умумӣ таваҷҷуҳ намуда, дар асоси мисолҳои мушаххас оқибатҳои манфию иртиҷоии онҳоро ба ҳодисаҳои иҷтимоиву фарҳангӣ муайян намекунад. Зарур буд, ки дар кори илмӣ таъсири терроризм ва амалҳои террористӣ ба унсурҳои таъминкунандаи суботи сиёсӣ, ба мисли идеология, психология, рафтори сиёсии одамон ва ғайра ошкор гардад.

4. Дар кори илмӣ такрори андешаҳо ва масъалаҳои таҳқиқотӣ ба назар мерасанд, ки ба мазмуни умумии он нофаҳмиҳоро зам намудаанд.

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионии Мадвалиев Ҷамолиддин Алиҷонович дар мавзуи «Терроризм, амалҳои террористӣ ва таъсири онҳо ба суботи сиёсии ҷомеа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ, ки аз рӯйи он ба Шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми ноябри соли 2021, таҳти №311/01 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

Тақриз ба талаботи банди 79-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Тақризи мазкур дар маҷлиси васеи кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон аз 11.04.2024, суратмаҷлиси №9 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Дар маҷлиси кафедра 11 нафар иштирок намуданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафтор» – 11 нафар, «муқобил» – нест, «бетараф » – нест.

Раиси маҷлис:
мудири кафедраи сиёсатшиносӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Саидзода Ш.Ш.

Котиби маҷлис:
номзади илмҳои сиёсӣ Якубов Ҷ.К.

Омодасози лоиҳаи тақриз:
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент Солиев Ш.Х.

Имзоҳои номзадҳои илмҳои сиёсӣ,
дотсентон Ш.Ш. Саидзода, Якубов Ҷ.К.
ва Ш.Х. Солиевро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Ҳ.